**ХУЛОСАИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 майи соли 2026, №102**

**Барои сазовор донистани Ҳомидзода Ҷонибек Убайд, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 07 марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Ҳомидзода Ҷонибек Убайд 02 январи соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Ҳомидзода Ҷонибек Убайд соли 2007 ба факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ихтисоси ҳуқуқшинос - омӯзгор дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 11 октябри соли 2024 №437-фа ба кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатӣ ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардидаст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30 июни соли 2023, №11 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №480-05 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 3 феврвли соли 2026, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** – Назаров Аваз Қувватович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**- Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе).**

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Ҳ.Х – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ., ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди

Тоҷикистон Табаров Н.А., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогика, дотсент Сатторзода Ғ.А., санаи 06 майи соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ҳомидов, Ҷ.У. Экосид ҳамчун ҷинояти конвенсионӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – 259-266; ISSN 2410-2903.

[2-М]. Ҳомидов, Ҷ.У. Мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1(37). – С. 305-310; ISSN 2414 9217.

[3-М]. Хомидов, Дж.У., Назаров, А.К. Международные преступления и преступления международного характера [Текст] / Дж.У. Хомидов, А.К. Назаров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – №2(40). – С. 103-113; ISSN 2413-5151.

[4-М]. Хомидов, Дж.У., Имплементация международных норм в уголовном законодателстве [Текст] / Дж.У. Хомидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №2. – С. 210-216; ISSN 2413-5151.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

[5-М]. Ҳомидов, Ҷ.У. Классификация преступлений международного характера, связаных с нарушениями основых права и свабода человека [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // VI-умин конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 281-285.

[6-М]. Ҳомидов, Ҷ.У. Ҷиноятҳои конвенсионӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назарявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи милии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 126-133.

[7-М]. Ҳомидов, Ҷ.У Тафовут байни мафҳумҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромили, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон-Санади олии ҳуқуқии кишвар». – Бохтар, 2024. – С. 213-221.

[8-М]. Ҳомидов, Ҷ.У Ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта, ки бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон рабт доранд [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ»–Душанбе, 2025. – С. 667- 674.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сафарзода Н.Ф** – декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Аминова Ф.М.** – мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи славиянии Россия ва Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор;

**Зокирзода З.Х.** – муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омузгории Тодикистон дар ноҳияи Рашт н.и.ҳ. дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1.Кадом шаклҳои имплементатсияи меъёрҳои байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ истифода мешаванд.

2.Таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ то андозае маҳдуд анҷом дода шудааст.

3.Дар таҳқиқоти дисертатсионӣ то андозае норасоии таҷрибаи мушаххаси амалияи судӣ ба мушоҳида намерасад.

4.Имплементатсия бояд бо назардошти манфиятҳои давлат, унсурҳои хосси миллӣ ва низоми ҳуқуқии давлат анҷом дода шуда, набояд хусусияти ҳатмӣ дошта бошад.

5.Ҳангоми амали шудани ин муқаррарот сарҳади байни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро чӣ гуна метавон муайян намуд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда** шуд: мафҳуми ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои характери байналмилалидошта;

– **пешниҳод шудааст:** мафҳумҳои махсус барои фарқгузории ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё экстремистӣ, ҳамчунин таҳаввулот дар таърифу арзёбии ҷиноятҳои зидди намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, барои баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва таъқиботи ҷиноятӣ;

**- исбот шудааст:** ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти махсусан хавфнок, аз қабили терроризм ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иродаи ҷинояткор одатан аз ҳаёт маҳрум намудани инсон равона буда, ҳадафи ниҳоии чунин амалҳо аз ҳамла ба асосҳои сохти конститутсионӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти давлатӣ иборат аст;

**ҷорӣ намудани:** пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ банди «р» бо чунин муҳтаво илова гардад: «алоқаманд будан бо терроризм ва ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар самти ҷиноятҳои дорои хусусияти

конвенсионӣ аҳаммияти бузурги ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро доро мебошад ва метавонад ба як қатор соҳаҳои муҳими илмӣ ва ҳуқуқӣ таъсири мусбат расонад.

Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар раванди омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мусоидат намуда, барои рушди илмҳои ҳуқуқӣ саҳми назаррас мегузоранд. Баррасии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва механизмҳои муқовимат ба онҳо дар доираи назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ки дар ташаккули сиёсати ҷиноятӣ ва ҳуқуқии давлат нақши муҳим доранд, аҳаммияти хосса дорад.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, бахусус дар самти муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, заминаи илмӣ фароҳам оранд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳангоми ошкор ва тафтиш намудани чунин ҷиноятҳо (аз ҷумла коррупсия ва экстремизм) аҳаммияти амалӣ дошта бошанд. Ҳамчунин онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби судҳо истифода шаванд..

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии криминалогия, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷиноятҳои хусусияти конвенсионӣ оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

**– баён шудани** тавсияҳои умумӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ таҳия карда шудаанд: батанзимдарории проблемаҳои муқовимат бо ҷинояткорӣ; маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми баланд бардошти шуури ҳуқуқии ҷомеа; дар сатҳи қонунгузорӣ;

– **ошкор гардидани** омилҳо, ки ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти махсусан хавфнок, аз қабили терроризм ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иродаи ҷинояткор одатан аз ҳаёт маҳрум намудани инсон равона буда, ҳадафи ниҳоии чунин амалҳо аз ҳамла ба асосҳои сохти конститутсионӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти давлатӣ иборат аст. Бо вуҷуди ин, қонунгузор дар моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ё нишондиҳандаҳои ҳуқуқии дахлдореро, ки барои арзёбии дақиқи таркиби чунин ҷиноятҳо заруранд, муқаррар накардааст.

– **омӯхта шуданд**: қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба меъёрҳои миллӣ мувофиқанд, инчунин ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешаҳои доктринавии олимони ҳуқуқшинос ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ;

– **аз нав такмил** додани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тағйирот ва иловаҳои зерин ворид карда шаванд: дар моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 чунин муқаррарот илова гардад: «Ҳангоми тасвиби созишномаи байналмилалие, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, меъёрҳои он бояд ба ин Кодекс ворид карда шаванд»;

**Аҳаммияти натиҷаҳои** бадастовардаи **довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ** карда **мешаванд, ки:** аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба асосноккунии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятии байналдимилалӣ ба даст омадаанд, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

– **муайян карда** шуданд, ки ратификатсияи Статути Римии Додгоҳи байналмилалии ҷиноятӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи

ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва ҳамоҳангсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ гардид;

– **коркард карда шуд**: бо мақсади баланд бардоштани мутобиқати қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки муқаррароти қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан ва пурра намоянд, пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ ҶТ моддаи 17/1 бо номи «Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» бо чунин мазмун ворид карда шавад: «1). Ҷиноятӣ конвенсионӣ он кирдори ҷиноятии гуноҳкоронаи содиршудаи ба ҷамъият хавфнок ва ҷазододашавандае мебошад, ки меъёр дар бораи он ба КҶ барои иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи тасвибшудаи байналмилалӣ ворид шудааст ва ба муносибатҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ суиқасд мекунад. 2). Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ моддаҳои зерини Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 130; 1301; 143 1; 167; 179; 179 1; 179 2; 179 3; 183; 184 1; 184 2; 184 3; 193; 194 1; 194 2; 194 3; 194 4; 194 5; 195 1; 200; 201; 202 1; 239; 241 1; 241 2; 242; 262; 273; 278 1; 290; 307 1; 307 2; 335 2; 395; 396; 397; 398; 399; 400; 401; 402

– **муаррифӣ карда** шуд: имплементатсияи санадҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои зерин амалӣ карда мешавад: а) ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ; б) эҷод кардани шароити зарурӣ барои татбиқи бевосита ва самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; в) ташкил кардани низоми мақомҳои давлатӣ, ки барои амалӣ намудани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёри-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин,

натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барой корҳои таҷрибавӣ**: дар конвенсияҳо таърифи универсалии «одамкушӣ» пешниҳод карда нашудааст. Аз назари ҳуқуқӣ ҷинояти байналмилалии одамкушӣ метавонад ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷиноятӣ вобастагӣ дошта бошад: терроризм, акти террористӣ, генотсид. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби «Ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият» ду таркиби асосӣ дорад – генотсид (моддаи 398 КҶ ҶТ) ва Қасдан вайрон кардаи меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона содир мешавад (моддаи 403 КҶ ҶТ). Дар ҳарду ҳолат одамкушӣ ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст, балки ҳамчун воситаи содир шудани ҷинояти машаххас модда зикр шудааст;

– **ғоя асоснок шуда**аст, ки бо назардошти матолиби баррасишуда дар таҳқиқоти мазкур, пешниҳод дар бораи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли меъёри алоҳидаи нав асоснок карда мешавад. Бо мақсади муайян кардани мазмуни таркиби ҷинояти генотсид ва мутобиқ кардани он бо талаботҳои ҳуқуқӣ – байналмилалӣ, моддаи 398 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад;

– **муайян шудаанд**, ки тамоюлҳои ҷаҳонӣ васеъ намудани мафҳуми субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин бо мақсади татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод мегардад, ки ба эзоҳи м. 314, 319, 320, 323 КҶ ҶТ илова ворид карда шавад.

– **истифода карда** шуданд: дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқарраротти илмӣ то сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 30 мойи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**

**30 майи соли 2026**